**Суратмаҷлиси №10**
**оид ба баргузории ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

15 майи соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Саъдиев И.З., д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д., д.и.ҳ., профессор Сангинов Д.Ш., н.и.ҳ., дотсент Каримов А.Қ., н.и.ҳ., дотсент Соибов З.М., н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю., н.и.ҳ., дотсент Мирзоев С.А., н.и.ҳ., Наимов Б.Ғ., ассистентон Изатуллозода П.Н., Шарипова М.Ғ., Намозов М.З., Раҳимов И.М., Расулова Д.У., Шабонов Ш.С., Қаландарова К.А., Наботов Н.А., коргузори кафедра Нураётова Ш.А.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. **Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д.**

Мудири кафедра Саъдиев И.З. қайд намуд, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Раҷабзода М.С. дода шуд **(Баромад замима мегардад).**

Баъди баромади Раҷабзода М.С. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаҳои рисола ба устоди кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ н.и.ҳ., дотсент Наимов Б.Ғ. ва н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодиров Ҷ. Ш. пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба н.и.ҳ., дотсент Қодиров Ҷ.Ш. дода шуд. Ӯ андешаҳои худро оид ба рисолаи илмии Раҷабзода М.С. иброз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳое низ мавҷуд буданд, ки бартараф намудани онҳо мазмуну моҳияти рисоларо мукаммал мегардониданд ва камбудиҳои ҷойдошта аз ҷониби унвонҷӯ бартараф карда шудаанд.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Наимов Б.Ғ. баромад намуда, иброз доштанд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, хулосаву тавсияҳои дар кор пешниҳодгардида асоснок мебошанд. Вале баъзе камбудиҳо вобаста ба ҷобаҷогузории матни кор ба назар мерасид, ки аз ҷониби унвонҷӯ онҳо бартараф карда шудаанд.

Мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Саъдиев И.З. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи баланд навишта шуда, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад. Камбудиҳои дар ҷаласаи қаблӣ аз ҷониби муқарризон баёнгардида, аз ҷониби унвонҷӯ Раҷабзода М.С. бартараф карда шуда, вобаста ба ин маълумотномаи ислоҳи камбудиҳо бо имзои муқарризон аз ҷониби унвонҷӯ ба кафедра пешниҳод карда шудааст.

Дар интиҳо устодон н.и.ҳ., дотсент Саъдиев И.З., н.и.ҳ., дотсент Қодиров Ҷ.Ш., ва н.и.ҳ., дотсент Наимов Б.Ғ. хулосаи мусбати худро вобаста ба рисолаи мазкур баён намуданд. Ҳамин тариқ,

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д. ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тавсия карда шавад.

2. Ба унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д. хулосаи мусбати кафедра дода шавад **(Хулосаи кафедра замима мегардад).**

Бо ҳамин ҷаласаи кафедра пӯшида эълон карда шуд.

**Мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ**
**ва хизмати давлатии факултети**
**идоракунии давлатии Академияи**
**идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**н.и.ҳ., дотсент** **Саъдиев И.З.**

**Котиби маҷлис, коргузори кафедра** **Нураётова Ш.А.**